«ТАСДИҚ ШУДААСТ»
Бо Фармони Директори генералии
ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»
____________________Раҳмонов Б.Р.
аз «08» ноябри соли 2025, №157/25

# ҚОИДАИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ ҶАВОБГАРИИ МАДАНИЮ ҲУҚУҚИИ СОҲИБОНИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

Душанбе – 2025

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс» (минбаъд – Суғуртакунанда) Қоидаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиётро (минбаъд – Қоидаи суғурта ё Қоида) дар асоси моддаҳои 1050, 1056 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 26 ва 50 Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 апрели соли 2020, №1689, моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт» аз 07 августи соли 2020, №1719 таҳия намуда онро амалӣ менамояд.

1.2. Дар асоси санадҳои болозикр ва қоидаи мазкур ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт аз эҳтимолияти расонидани зарари моддӣ ва ҷисмонӣ ба шахси сеюмро ҳангоми истифодабарии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ бо суғурта фаро гирифта мешавад.

1.3. Қоидаҳои мазкур тартиби бастани шартномаи суғурта ва дигар шарту шароитро муайян менамояд.

1.4. Шартномаи суғурта танҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

2.1. Дар Қоидаи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

**суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт** – намуди суғуртаи ҳатмиест, ки ба андозаи қисман ё пурра пардохт намудани ҷуброни суғуртавиро (пардохти суғуртавиро) барои зараре, ки ба манфиатҳои молумулкии шахс вобаста ба ӯҳдадориҳои ӯ оид ба ҷуброни зарари ба шахсони сеюм, бинобар аз ҷониби ӯ истифода бурдани воситаи нақлиёт, аз ҷумла ҷавобгарии маданию ҳуқуқии интиқолдиҳанда расонда шудааст, пешбинӣ менамояд;

**воситаи нақлиёт** – воситаҳои нақлиёти механикӣ, аз ҷумла автомобилҳои сабукрав, микроавтобусҳо, автобусҳо, троллейбусҳо, автомобилҳои боркаш, тракторҳо, мототсиклҳо, мошину олоти худгарди дигар;

**махзани маълумот** – маҷмӯи маълумотҳо дар бораи суғурташаванда ва суғуртакунанда;

**соҳиби воситаи нақлиёт** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки соҳиби воситаи нақлиёт бо ҳуқуқи моликият мебошад, инчунин шахсе, ки ба ӯ воситаи нақлиёт муваққатан барои соҳибӣ ва истифода дода шудааст;

**ронанда** – шахсе, ки воситаи нақлиётро идора менамояд ё аз тарафи соҳиби воситаи нақлиёт барои идора кардани он дар доираи қонунгузории

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст. Ҳангоми омухтани идоракунии воситаи нақлиёт шахси таълимдиҳанда ронанда маҳсуб меёбад;

**суғуртакунанда (ташкилоти суғуртавӣ)** – шахси ҳуқуқие, ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ амалӣ менамояд;

**суғурташаванда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо суғуртакунанда (ташкилоти суғуртавӣ) шартномаи суғурта бастааст;

**ҷабрдида** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ба ҳаёт, саломатӣ ва ё молу мулки ӯ аз ҷониби суғурташаванда дар натиҷаи ҳодисаи роҳу нақлиёт ҳангоми истифодабарии воситаи нақлиёт зарар расонида шудааст;

**шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт** – шартномаест, ки тибқи он суғурташаванда уҳдадор аст мукофоти суғуртавиро (ҳаққи суғуртавиро) пардохт намояд ва суғуртакунанда (ташкилоти суғуртавӣ) уҳдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ бо шартномаи пешбинишуда ба суғурташаванда ва ё шахси сеюм (фоидагиранда), ки шартнома ба манфиати у баста шудааст, пардохти суғуртавиро анҷом диҳад;

**ҳодисаи суғуртавӣ** – воқеае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонунгузорӣ ва шартномаи суғурта уҳдадор аст пардохти суғуртавиро (ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

**ҳодисаи роҳу нақлиёт** – ҳодисае, ки дар раванди истифодабарии воситаи нақлиёт ва бо иштироки он, инчунин ҳаракати қисмҳои аз воситаи нақлиёт ҷудошуда ва бори дар он буда рух додааст, ки дар натиҷаи он ба ҳаёт, саломатӣ ва ё молу мулки ҷабрдида зарар расонида шудааст;

**мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)** – маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро суғурташаванда уҳдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ бо тартиб ва дар мӯҳлатҳои дар шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд;

**маблағи суғуртавӣ** – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии ҷавобгарии ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар бар мегирад;

**пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ)** – маблағи пулие, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба суғурташаванда (фоидагиранда) дар доираи маблағи суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба шахси суғурташуда мепардозад;

**полиси суғуртавӣ** – ҳуҷҷате, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти суғуртавӣ тасдиқ менамояд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

**мақоми (ташкилоти) дахлдор** – мақом ё ташкилоте, ки ҳуқуқи гузарондани арзёбии андозаи зарари ба ҳаёт, саломатӣ ва молу мулки ҷабрдида расондашударо дошта, дар ин асос хулоса медиҳад;

**портфели суғуртавӣ** – маҷмӯи ҳама шартномаҳои суғуртавии басташуда;

**сирри суғуртавӣ** – сирри тиҷоратии суғурташаванда, шахси суғурташуда ё фоидагиранда ва ё дигар маълумотҳо оид суғурташаванда, шахси суғурташуда ё фоидагиранда, ки дар амалигардонии фаъолияти суғуртавӣ ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва шахси фаъолияти миёнаравии суғуртавиро анҷомдиҳанда (агент, брокер) маълум гардидааст;

**пулҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** – иттиҳодияи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), ки фаъолияти суғуртавиро аз руи намудҳои алоҳидаи суғуртавӣ ё хавфҳои суғуртавӣ дар асоси шартномаи рафоқати оддӣ (шартнома дар бораи фаъолияти муштарак) якҷоя бо мақсади таъмини устувори фаъолияти суғуртавӣ амалӣ менамояд;

**регресс** – ҳуқуқи талаби бозпаси тарафҳои муносибати суғуртавӣ оид ба ҷуброни маблағи пардохтшуда.

## 3. СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

3.1. ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс» (Суғуртакунанда), шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъӣ субъектҳои амаликунандаи ин намуди суғурта мебошанд.

3.2. Шартномаи суғурта ба фоидаи шахси сеюм ба имзо расонида шуда, дар он ному насаби ҷабрдида (фоидагиранда) нишон дода намешавад, вале дар вақти ба амал омадани ҳодисаи суғуртавӣ дар аризаи ҷабрдида ному насаби шахси зарардида ҳатман дарҷ мегардад.

## 4. ОБЪЕКТҲОИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ ҶАВОБГАРИИ МАДАНИЮ ҲУҚУҚИИ СОҲИБОНИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

4.1. Суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт дар назди шахсони сеюм ҳангоми истифодабарии воситаҳои нақлиёт объекти суғурта ҳисобида мешавад, аз ҷумла:

а) ҳаёт ва саломатии шахси сеюм;

б) моликияти шахси сеюм.

## 5. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Расонидани зарар ҳангоми истифодаи воситаи нақлиёт ҳодисаи суғуртавӣ ҳисобида мешавад. Аз ҷумла:

5.1.1. Расондани зарар ба ҳаёт ва саломатии шахси сеюм.

5.1.2. Гирифтани маъюбии гуруҳҳои 1, 2 ва 3 шахси сеюм.

5.1.3. Фавти шахси сеюм.

5.1.4. Расидани зарар ба молу амволи шахси сеюм.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 6. ҲУҚУҚИ ТАЛАБИ МУТАҚОБИЛА (РЕГРЕСС) НИСБАТ БА ШАХСЕ, КИ ЗАРАР РАСОНДААСТ

6.1. Суғуртакунандае, ки пардохти суғуртавиро ба ҷабрдида амалӣ намудааст, дар ҳолатҳои зерин ба андозаи маблағи пардохтгардида нисбат ба шахсе, ки зарар расондааст, ҳуқуқи талаби мутақобиларо (регрессро) дорад:

- ҷавобгарии маданию ҳуқуқии Суғурташаванда дар натиҷаи амалҳои барқасдонаи ӯ, ки ба рух додани ҳодисаи суғуртавӣ равона гардидаанд, фаро расида бошад;
- ҷавобгарии маданию ҳуқуқии Суғурташаванда ҳангоми идоракунии воситаи нақлиёт дар ҳолати мастӣ, бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда рух дода бошад;
- ҷавобгарии маданию ҳуқуқии Суғурташаванда дар натиҷаи идоракунии воситаи нақлиёт бе доштани ҳуқуқи идораи воситаи нақлиёт фаро расида бошад;
- ҷавобгарии маданию ҳуқуқии Суғурташаванда дар натиҷаи ғайб задани ронанда аз маҳалли рух додани ҳодиса фаро расида бошад;
- ҷавобгарии маданию ҳуқуқии Суғурташаванда дар натиҷаи истифодабарии воситаи нақлиёт берун аз меъёри ғунҷоиши мусофиркашиву боркашонии он фаро расида бошад;
- ҷавобгарии маданию ҳуқуқии Суғурташаванда дар натиҷаи истифодабарии воситаи нақлиёт бе муоинаи ҳатмии давлатии техникии воситаи нақлиёт фаро расида бошад;
- ҳолатҳои дигаре, ки дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаи суғурта ва Шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд.

## 7. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Андозаи маблағи суғуртавӣ барои суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт» ба андозаи 818 (хаштсаду ҳаждаҳ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар гардида, ба тариқи зайл пардохт карда мешавад.

7.2. Ҳангоми фавти ҷабрдида, пардохти суғуртавӣ (маблағи суғуртавӣ) ба андозаи 545 (панҷсаду чилу панҷ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

7.3. Ҳангоми гирифтани маъюби гурухи I – ум, 380 (сесаду ҳаштод) нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОЧИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

7.4. Ҳангоми маъюби гуруҳи II – юм, 300 (сесад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

7.5. Ҳангоми маъюби гуруҳи III – юм, 220 (дусаду бист) нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

7.6. Ҳангоми расондани зарар ба молу мулки ҷабрдида, маблағи суғуртавӣ то 273 (дусаду ҳафтоду се) нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

7.7. Пардохти суғуртавии якдафъаина ҳангоми расондани зарар ба саломатии ҷабрдида, суғуртакунандаро аз ҷуброни пардохти суғуртавӣ барои расондани зарар ба молу мулки ҷабрдида озод намекунадПардохти суғуртавии якдафъаина ва пардохти суғуртавӣ барои расондани зарар ба молу мулк дар доираи ҳаҷми ниҳоии ҷавобгарии ташкилоти суғуртавӣ амалӣ карда мешавад.

7.8. Дар мавриди қисман пардохт намудани маблағи суғуртавӣ, андозаи маблағи гирифташуда дар полиси суғурташаванда сабт гардида, нусхаи полис дар ҳуҷҷатҳои пардохтӣ замима карда мешавад.

## 8. МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ (ҲАҚҚИ СУҒУРТАВӢ)

8.1. Мукофоти суғуртавӣ тибқи қонунгузорӣ барои соҳибони воситаҳои нақлиёт чунин муайян карда шудааст:

| № | Намуд (тамға)-и воситаи нақлиёт | Шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ |
|---|---|---|
| 1. | Автомобилҳои сабукрав ва микроавтобусҳо | 2 (ду) нишондиҳанда барои ҳисобҳо |
| 2. | Автобусҳо ва тролейбусҳо | 3 (се) нишондиҳанда барои ҳисобҳо |
| 3. | Автомобилҳои боркаш | 3 (се) нишондиҳанда барои ҳисобҳо |
| 4. | Тракторҳо, мошину олоти худгарди дигар | 2 (ду) нишондиҳанда барои ҳисобҳо |
| 5. | Мотосиклҳо | 1 (як) нишондиҳанда барои ҳисобҳо |

8.2. Суғуртаи ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёте, ки ба таври транзитӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, тибқи талаботи қонунгузорӣ анҷом дода мешавад.

8.3. Ба кам ё зиёд кардани андозаи мукофоти суғуртавӣ, ба истиснои муқарраротe, ки дар қисми 1 моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт» пешбинӣ гардидаанд, роҳ дода намешавад.

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

8.4. Иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробар кардашуда, иштирокчиёни амалиёти ҷангӣ дар ҳудуди давлатҳои дигар, шахсоне, ки бар асари фалокати Неругоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд, инчунин маъюбони гурӯҳҳои I ва II мукофоти суғуртавиро ба андозаи 50(панҷоҳ) фоизи маблағ пардохт менамоянд (бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунанда).

8.5. Имтиёз барои кам кардани андозаи мукофоти суғуртавӣ аз рӯи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт танҳо барои як адад воситаи нақлиёте, ки ба худи суғурташаванда тааллуқ дорад, пешниҳод гардида, дар ин хусус дар полиси суғуртавӣ қайди дахлдор гузошта мешавад.

8.6. Соҳибони воситаҳои нақлиёте, ки дар давоми идоракунии бефосилаи воситаҳои нақлиёт қоидаҳои ҳаракат дар роҳро вайрон накардаанд, бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунанда аз мақоми ваколатдор дорои имтиёзҳои зерин мебошанд:

- ҳангоми бе ҳодисаи роҳу нақлиёт идора кардани воситаи нақлиёт аз 5 то 10 сол пардохти мукофоти суғуртавӣ ба андозаи 5% кам карда мешавад;
- ҳангоми бе ҳодисаи роҳу нақлиёт идора кардани воситаи нақлиёт аз 10 то 15 сол пардохти мукофоти суғуртавӣ ба андозаи 10% кам карда мешавад;
- ҳангоми бе ҳодисаи роҳу нақлиёт идора кардани воситаи нақлиёт аз 15 то 20 сол пардохти мукофоти суғуртавӣ ба андозаи 15% кам карда мешавад;
- ҳангоми бе ҳодисаи роҳу нақлиёт идора кардани воситаи нақлиёт зиёда аз 20 сол пардохти мукофоти суғуртавӣ ба андозаи 20% кам карда мешавад.

8.7. Хароҷоти суғуртакунанда барои пешбурди корҳо ҳангоми такроран пур кардани нусхаи полиси суғуртавӣ аз тарафи суғурташаванда ба андозаи панҷ фоизи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо пардохт карда мешавад.

## 9. ШАРТНОМАИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ ҶАВОБГАРИИ МАДАНИЮ ҲУҚУҚИИ СОҲИБОНИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

9.1. Шартномаи суғуртавӣ аз ҷониби ташкилоти суғуртавӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъӣ дар 2 нусха тартиб дода шуда бо имзо ва муҳр тасдиқ мегардад. Як нусхаи он дар суғурташаванда ва нусхаи дигар дар суғуртакунанда нигоҳ дошта мешавад.

9.2. Шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт ба муҳлатҳои зерин баста мешавад:

- ҳангоми истифодабарии доимии воситаи нақлиёт – дувоздаҳ моҳ;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– ҳангоми истифодабарии мавсимии воситаи нақлиёт – на камтар аз шаш моҳ;
– ҳангоми бо тарзи транзитӣ ё муваққатӣ воридшавии воситаи нақлиёт ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар тамоми давраи муваққатан қарор доштани воситаи нақлиёт дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, на камтар аз понздаҳ рузи тақвимӣ.

9.3. Ҳангоми ба муҳлати камтар аз як сол бастани шартномаи суғуртавӣ, маблағи пардохт (ҳаққи суғуртавӣ) мутаносибан тақсим карда мешавад.

9.4. Амали шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:
– ба итмом расидани муҳлати амали шартномаи суғуртаи ҳатмии
– ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт;
– аз ҷониби суғуртакунанда амалисозии пардохти маблағи суғуртавӣ ба андозаи пурраи маблағи суғуртавӣ пас аз рух додани ҳодисаи суғуртавӣ;
– ҳолатҳои дигаре, ки дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

## 10. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ СУҒУРТАШАВАНДАВУ СУҒУРТАШАВАНДА, СУҒУРТАКУНАНДА ВА ҲУҚУҚҲОИ ҶАБРДИДА

10.1. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад:

10.1.1. Ҳангоми бастани шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт ташкилоти суғуртавиро интихоб намояд.

10.1.2. Аз суғуртакунанда маълумот оид ба мавҷудияти иттилоот дар махзани маълумот доир ба шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёти худро талаб намояд.

10.1.3. Аз суғуртакунанда пурра фаҳмондани ҳуқуқу уҳдадориҳои худро талаб намояд.

10.1.4. Ҳангоми гум шудани полиси суғуртавӣ нусхаи онро аз суғуртакунанда гирад.

10.1.5. Аз хизматрасонии мақоми (ташкилоти) дахлдор оид ба арзёбии андозаи зарари ба молу мулки ҷабрдида расондашуда истифода барад.

10.1.6. Бо натиҷаҳои арзёбии андозаи зарари расондашуда, ки аз тарафи мақоми (ташкилоти) дахлдор гузаронда шудааст ва ҳисоби андозаи пардохти суғуртавӣ, ки аз тарафи суғуртакунанда амалӣ карда шудааст, шинос шавад.

10.1.7. Шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиётро мутобиқи муқаррароти Қонуни мазкур пеш аз муҳлат бекор намояд.

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.1.8. Бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати розӣ набудан бо қарори суғуртакунанда оид ба рад намудани амалисозии пардохти суғуртавӣ ва ё кам кардани андозаи он ба мақоми назорати суғуртавӣ ё суд муроҷиат намояд.

10.1.9. Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз суғуртакунанда пардохти суғуртавиро дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур талаб намояд.

10.2. Суғурташаванда ухдадор аст:

10.2.1. Мукофоти суғуртавиро мувофиқи Қонуни мазкур ва шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт пардохт намояд.

10.2.2. Дар бораи рух додани ҳодисаи роҳу нақлиёт ба суғуртакунандае, ки бо ӯ шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиётро бастааст, хабар расонад. Агар суғурташаванда бо сабабҳои узрнок имконияти иҷро намудани чунин амалро надошта бошад, бояд ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бозрасии давлатии автомобилиро пешниҳод намояд.

10.2.3. Ҳангоми рух додани ҳодисаи роҳу нақлиёт ба ҷабрдидагон ва кормандони бозрасии давлатии автомобили дар бораи суғуртакунандае, ки бо ӯ шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиётро бастааст, хабар диҳад.

10.2.4. Ҳангоми рух додани ҳодисаи роҳу нақлиёт оид ба пешгирӣ ё кам кардани зарари имконпазир, аз ҷумла наҷот додани молу мулк ва расондани ёрӣ ба шахсони ҷабрдида тадбирҳо андешад.

10.2.5. Ҳангоми рух додани ҳодисаи роҳу нақлиёт тибқи Қонуни мазкур ва шартномаи басташуда ба шахсони дахлдор оид ба ҳодисаи роҳу нақлиёти рухдода хабар диҳад.

10.2.6. Ҳангоми рух додани ҳодисаи роҳу нақлиёт мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муоинаи тиббӣ ҷиҳати муайян кардани ҳолати мастӣ бар асари истеъмоли машрубот, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда гузарад.

10.3. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:

10.3.1. Ҳангоми бастани шартномаи суғуртавӣ тамоми ҳуҷҷатҳои лозимаро аз суғурташаванда тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост намояд.

10.3.2. Баъд аз пардохт намудани мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ аз ҷониби суғурташаванда ба у полиси суғуртавиро диҳад.

10.3.3. Дар ҳолати гум кардани полиси суғуртавӣ суғуртакунанда ухдадор аст дар асоси аризаи хаттии суғурташаванда ба ӯ нусхаи полиси суғуртавиро

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

диҳад. Пас аз додани нусхаи полиси суғуртавӣ полиси суғуртавии гумшуда беэътибор дониста шуда, аз рӯи он пардохти суғуртавӣ амалӣ карда намешавад.

10.3.4. Ҳангоми рух додани садамаи нақлиётӣ аз мақомот ва ташкилоти дахлдор ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва андозаи зарари ба ҷабрдидагон расондашударо дархост намояд.

10.3.5. Аз хизматрасониҳои мақоми (ташкилоти) дахлдор оид ба арзёбии андозаи зарари ба молу мулки ҷабрдидагон расондашуда истифода барад.

10.4. Суғуртакунанда ухдадор аст:

10.4.1. Ҳангоми бастани шартномаи суғуртавӣ ба суғурташаванда шарту шароит ва ҳуқуқу ухдадории уро фаҳмонда диҳад.

10.4.2. Ҳангоми аз тарафи суғурташаванда пешниҳод шудани ариза онро сари вақт баррасӣ намуда, дар давоми панҷ рӯзи корӣ ҷавоби хаттӣ диҳад.

10.4.3. Ҳангоми аз тарафи суғурташаванда барои пардохти суғуртавӣ пурра пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар давоми на зиёда аз як рӯзи корӣ аз рӯзи воридшавии ҳуҷҷатҳои мазкур ба шахси муроҷиаткунанда бо нишон додани рӯйхати пурраи ҳуҷҷатҳо хабар диҳад.

10.4.4. Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ пардохти суғуртавиро бо тартиб ва муҳлатҳое, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт" муқаррар намудааст, амалӣ намояд.

10.4.5. Пас аз пурра гирифтани ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ аз ҷониби суғурташаванда (ба истисноӣ масъалаҳои баҳсталаб), суғуртакунанда ухдадор аст дар муддати 5 рӯзи корӣ ба ҷабридида тибқи меъерҳои муайяншуда маблағи суғуртавиро пардохт намояд.

10.4.6. Ҳолатҳое, ки суғуртакунанда аз суғурташаванда ҳуқуқи талаби мутақобила (регресс)-ро нисбат ба шахсе, ки зарар расонидааст.

10.4.7. Суғуртакунанда, ки пардохти суғуртавиро ба ҷабрдида амалӣ намудааст, дар ҳолатҳои зерин ба андозаи маблағи пардохтгардида нисбат ба шахсе, ки зарар расондааст, ҳуқуқи талаби мутақобиларо (регрессро) дорад.

10.4.8. Ҷавобгарии маданию ҳуқуқии суғурташаванда дар натиҷаи амалҳои барқасдонаи ӯ, ки ба рух додани ҳодисаи суғуртавӣ равона гардидаанд, фаро расида бошад.

10.4.9. Ҷавобгарии маданию ҳуқуқии суғурташаванда ҳангоми идоракунии воситаи нақлиёт дар ҳолати мастӣ, бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда рух дода бошад.

10.4.10. Ҳолатҳои дигаре, ки дар тарафҳо дар шартнома пешбинӣ кардаанд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.5. Ҷабрдида ҳуқуқ дорад:

10.5.1. Ба суғурташаванда ва суғуртакунанда дар бораи зарари ба ҳаёт, саломатӣ ва молу мулки ӯ дар натиҷаи ҳодисаи роҳу нақлиёт расондашуда хабар диҳад.

10.5.2. Ба суғуртакунанда ҳуҷҷатҳои зарурирo барои гирифтани пардохти суғуртавӣ пешниҳод намояд.

10.5.3. Дар ҳолатҳои зарурӣ аз хизматрасонии мақоми (ташкилоти) дахлдор барои арзёбии андозаи зарари ба молу мулк расондашуда истифода барад.

10.5.4. Бо натиҷаҳои арзёбии андозаи зарари расондашуда ва ҳисоби андозаи пардохти суғуртавӣ, ки аз тарафи суғуртакунанда амалӣ карда шудааст, шинос шавад.

10.5.5. Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз суғуртакунанда пардохти суғуртавиро дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт» талаб намояд.

10.5.6. Аз хизматрасонии муассисаҳои тиббӣ истифода барад.

10.5.7. Ба соҳиби воситаи нақлиёт оид ба ҷуброни зарари расондашуда нисбати он қисми маблағи зарари расондашуда, ки аз андозаи пардохти суғуртавии амалигардида зиёд аст, талабот пешниҳод намояд ва дар сурати иҷро нагардидани талаботи пешниҳодшуда аз ҷониби соҳиби воситаи нақлиёт бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд муроҷиат кунад.

## 11. ШАРТҲОИ АМАЛИСОЗИИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ

11.1. Суғуртакунанда пардохти суғуртавиро ба ҷабрдида (фоидагиранда) дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин амалӣ менамояд:

11.1.1. Аризаи суғурташаванда.

11.1.2. Полиси суғуртавӣ (нусхаи он).

11.1.3. Нусхаи маълумотномаи тасдиқкунандаи ҳодисаи роҳу нақлиёт (садама), ки аз тарафи бозрасии давлатии автомобилӣ дода шудааст.

11.1.4. Нусхаи шиносномаи суғурташаванда.

11.1.5. Ваколатномаи аз тарафи соҳиби воситаи нақлиёт додашуда.

11.1.6. Нусхаи шаҳодатномаи ронандагӣ.

11.1.7. Нусхаи шаҳодатномаи техникии воситаи нақлиёт.

11.1.8. Маълумотномаи муассисаи тиббӣ оид ба корношоямии муваққатӣ ё худ маълумотнома дар бораи муқаррар кардани гурӯҳи маъюбӣ дар ҳолати расондани зарар ба саломатии ҷабрдида.

11.1.9. Нусхаи шаҳодатномаи вафоти мусофир, пиёдагард ё шахси (шахсони) дигари ҷабрдида.

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.1.10. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи андозаи зараре, ки ба молу мулки ҷабрдида расонда шудааст.

11.2. Барои саҳҳеҳият, нусхаҳои ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда бо нусхаҳои аслиашон аз ҷониби суғуртакунанда муқоиса карда мешаванд.

## 12. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

12.1. Баҳсҳо вобаста ба Шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт тибқи қонунгузории амалкунанди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №1
ба Қоидаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии
маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт

**НАМУНА**

*Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид намояд.*

# ШАРТНОМАИ
# СУҒУРТАИ ҲАТМИИ ҶАВОБГАРИИ МАДАНИЮ ҲУҚУҚИИ СОҲИБОНИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ
# №_________

ш. Душанбе «___» ___________ соли 20__

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти суғуртавӣ ФС №____________ аз «___» ____________ соли 20__ фаъолият мебарад, минбаъд «Суғуртакунанда» номида мешавад, дар шахсияти Директори генералӣ ____________________, ки дар асоси Оинномa амал мекунад, аз як Тараф ва аз тарафи дигар ________________________ минбаъд «Суғурташаванда» номида мешавад, дар шахсияти ________________________________, ки дар асоси Оинномa амал менамояд, дар якҷоягӣ минбаъд «Тарафҳо» номида мешаванд, Шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёти мазкурро (минбаъд – Шартномаи суғурта ё Шартнома), дар мазмуни зер бастанд:

## 1. МАВЗУИ ШАРТНОМА

1.1. Тибқи шартҳои шартномаи мазкур суғуртакунанда ӯҳдадор мешавад суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёти суғурташавандаро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт» гузаронад ва суғурташаванда бошад ухдадор мешавад мукофоти (ҳаққи) суғуртавии дар ҳамин шартнома пешбинишударо ба суратҳисоби суғуртакунанда пардохт намояд.

1.2. Амали шартномаи мазкур аз «___» ___________ соли 20____ оғоз ёфта, «» ___________ соли 20___ ба охир мерасад.

1.3. Доираи амали шартномаи мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шисоб меравад.

## 2. ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ, КИ СОҲИБОНИ ОН ҶАВОБГАРИИ ХУДРО СУҒУРТА МЕКУНАНД

2.1. Рӯйхати воситаҳои нақлиёте, ки соҳибони онҳо ҷавобгарии худро тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт» суғурта менамоянд, дар шартномаи мазкур замима карда мешаванд.

## 3. ОБЪЕКТИ СУҒУРТА

3.1. Объекти суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт манфиатҳои соҳибони воситаҳои нақлиёт вобаста ба уҳдадории онҳо оид ба ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки ҷабрдида расонидашуда мебошанд, ки бар натиҷаи ҳодисаи роҳу нақлиёт ҳангоми истифодабарии воситаҳои нақлиёт ба вуқӯъ омадаанд.

## 4. МУКОФОТИ (ҲАҚҚИ) СУҒУРТАВӢ

4.1. Андозаи мукофоти суғуртавӣ аз рӯи меъёри нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар рӯзи бастани шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда вобаста ба намуд (тамға) – и воситаи нақлиёт барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, муайян карда мешавад ва ба кам ё зиёд намудани он роҳ дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қисми 1 моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт» пешбинӣ менамояд.

4.2. Иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, иштирокчиёни амалиёти ҷангӣ дар давлатҳои дигар, шахсоне, ки бар асари фалокати Неругоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд, инчунин маъюбони гурӯҳҳои I ва II ҳуқуқ доранд, ки мукофоти суғуртавиро ба андозаи 50 (панҷоҳ) фоиз пардохт намоянд. Суғурташаванда барои гирифтани ин имтиёз ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаро ба суғуртакунанда пешниҳод менамояд.

4.3. Соҳибони воситаҳои нақлиёт, ки муддати муайян қоидаҳои ҳаракат дар роҳро вайрон накардаанд, ҳуқуқ доранд бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунанда аз мақоми ваколатдор аз чунин имтиёзҳо баҳра баранд:

- 5 то 10 сол – камшавии мукофоти суғуртавӣ ба андозаи 5%;
- 10 то 15 сол – камшавии мукофоти суғуртавӣ ба андозаи 10%;
- 15 то 20 сол – камшавии мукофоти суғуртавӣ ба андозаи 15%;
- зиёда аз 20 сол – камшавии мукофоти суғуртавӣ ба андозаи 20%.

Суғурташаванда уҳдадор аст ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаро, ки ҳаққи гирифтани имтиёзро исбот менамоянд, пеш аз бастани шартнома ё дар вақти тамдиди он пешниҳод намояд.

Дар ҳолати талаф ё вайрон шудани полиси суғуртавӣ ва зарурати аз нав барасмиятдарории он, суғурташаванда уҳдадор аст барои хароҷоти маъмурии суғуртакунанда ба андозаи 5 (панҷ) фоизи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо маблағ пардохт намояд.

## 5. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Дар зери мафҳуми ҳодисаҳо, он воқеаҳои, ки дар давраи фаъолияти Шартнома рӯй медиҳанд, ва бо сар задани он Суғуртакунандаро барои пардохти маблағи зарар

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

вазифадор мекунад фаҳмида мешавад. Расонидани зарар ҳангоми истифодаи воситаи наклиёт ҳодисаи суғуртавӣ ҳисобида мешавад. Аз ҷумла:

- Расондани зарар ба ҳаёт ва саломатии шахси сеюм;
- Гирифтани маъюбии гуруҳҳои 1, 2 ва 3 шахси сеюм;
- Фавти шахси сеюм;
- Расидани зарар ба молу амволи шахси сеюм.

## 6. МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ ВА ТАРТИБИ ПАРДОХИ ОН

6.1. Маблағи суғуртавӣ барои суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт» муайян гардида, ҳаҷми умумии онро 818 (ҳаштсаду ҳаждаҳ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо ташкил медиҳад. Пардохти ҷуброни суғуртавӣ дар доираи ин маблағ ва мувофиқи ҳолатҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- Дар ҳолати фавти ҷабрдида, пардохти суғуртавӣ ба андозаи 545 (панҷсаду чилу панҷ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо анҷом дода мешавад.
- Дар ҳолати маъюб шудани шахси ҷабрдида бо гуруҳи I, андозаи пардохти суғуртавӣ 380 (сесаду ҳаштод) нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда мешавад.
- Дар ҳолати маъюб шудани шахси ҷабрдида бо гуруҳи II, андозаи пардохти суғуртавӣ 300 (сесад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо мебошад.
- Дар ҳолати маъюб шудани шахси ҷабрдида бо гуруҳи III, андозаи пардохти суғуртавӣ 220 (дусаду бист) нишондиҳанда барои ҳисобҳо муайян карда мешавад.
- Дар ҳолати расондани зарар ба молу мулки ҷабрдида, пардохти суғуртавӣ то 273 (дусаду ҳафтоду се) нишондиҳанда барои ҳисобҳо таъйин мегардад.

6.2. Пардохти суғуртавии якдафъаина ҳангоми расондани зарар ба саломатии ҷабрдида суғуртакунандаро аз ӯҳдадории чаппа намудани пардохти суғуртавӣ барои зарари расонидашуда ба молу мулки ҷабрдида озод намекунад. Пардохти суғуртавии якдафъаина ва пардохти ҷуброн барои молу мулк дар доираи ҳаҷми ниҳоии ҷавобгарии суғуртакунанда, ки дар банди 6.1. – и шартнома муайян шудааст, амалӣ карда мешаванд.

6.3. Дар ҳолати қисман пардохт гардидани маблағи суғуртавӣ, андозаи маблағи аз ҷониби суғуртакунанда пардохтшуда дар полиси суғуртавӣ қайд карда мешавад. Нусхаи полиси дорои қайди дахлдор ба ҳуҷҷатҳои пардохт замима мегардад ва қисми боқимондаи ҷавобгарӣ танҳо дар доираи маблағи боқимонда эътироф мешавад.

## 7. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

7.1. Суғурташванда ҳуқуқ дорад:

а) Ҳангоми бастани шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт ташкилоти суғуртавиро интихоб намояд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

б) Аз суғуртакунанда маълумот оид ба мавҷудияти иттилоот дар махзани маълумот доир ба шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои наклиёти худро талаб намояд.

в) Аз суғуртакунанда пурра фаҳмондани ҳуқуқу уҳдадориҳои худро талаб намояд.

г) Ҳангоми гум шудани полиси суғуртавӣ нусхаи онро аз суғуртакунанда гирад.

д) Аз хизматрасонии мақоми (ташкилоти) дахлдор оид ба арзёбии андозаи зарари ба молу мулки ҷабрдида расондашуда истифода барад.

е) Бо натиҷаҳои арзёбии андозаи зарари расондашуда, ки аз тарафи мақоми (ташкилоти) дахлдор гузаронда шудааст ва ҳисоби андозаи пардохти суғуртавӣ, ки аз тарафи суғуртакунанда амалӣ карда шудааст, шинос шавад.

ж) Шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои наклиётро мутобиқи муқаррароти Қонуни мазкур пеш аз муҳлат бекор намояд.

з) Бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати розӣ набудан бо қарори суғуртакунанда оид ба рад намудани амалисозии пардохти суғуртавӣ ва ё кам кардани андозаи он ба мақоми назорати суғуртавӣ ё суд муроҷиат намояд.

и) Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз суғуртакунанда пардохти суғуртавиро дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои наклиёт» талаб намояд.

7.2. Суғурташванда уҳдадор аст:

а) Мукофоти (ҳаққи) суғуртавиро мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои наклиёт» ва шартномаи мазкур пардохт намояд;

б) Дар бораи рух додани ҳодисаи роҳу наклиёт ба суғуртакунанда хабар расонад. Агар суғурташаванда бо сабабҳои узрнок имконияти иҷро намудани чунин амалро надошта бошад, бояд ҳуҷҷати тасдиққунандаи бозрасии давлатии автомобилиро пешниҳод намояд;

в) Ҳангоми рух додани ҳодисаи роҳу наклиёт ба ҷабрдидагон ва кормандони бозрасии давлатии автомобилӣ дар бораи суғуртакунандае, ки бо ӯ шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои наклиётро бастааст, хабар диҳад;

г) Ҳангоми рух додани ҳодисаи роҳу наклиёт оид ба пешгирӣ ё кам кардани зарари имконпазир, аз ҷумла наҷот додани молу мулк ва расондани ёрӣ ба шахсони ҷабрдида тадбирҳо андешад;

д) Ҳангоми рух додани ҳодисаи роҳу наклиёт тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои наклиёт» ва шартномаи мазкур ба шахсони дахлдор оид ба ҳодисаи ҳодисаи роҳу наклиёти рухдода хабар диҳад;

е) Ҳангоми рух додани ҳодисаи роҳу наклиёт мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муоинаи тиббӣ ҷиҳати муайян кардани ҳолати мастӣ бар

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

асари истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда гузарад.

7.3. Суғуртакунанда уҳдадор аст:

а) Ҳангоми бастани шартномаи мазкур аз суғурташаванда пешниҳоди маълумотро тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт» дархост намояд;

б) аз мақомот ва ташкилоти дахлдор ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва андозаи зарари ба ҷабрдидагон расондашуаро дархост намояд;

в) аз хизматрасонии мақоми (ташкилоти) дахлдор оид ба арзёбии андозаи зарари ба молу мулки ҷабрдидагон расондашуда истифода барад.

7.4. Суғуртакунанда уҳдадор аст:

а) ҳангоми бастани шартномаи мазкур Суғурташавандаро бо шарту талаботи шартномаи зикргардида шинос намуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои ӯро, ки аз ин шартнома бармеоянд, фаҳмонад;

б) баъд аз бастани шартномаи мазкур ва пардохти мукофоти суғуртавӣ полиси суғуртавиро диҳад;

в) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ пардохти суғуртавиро бо тартиб ва мӯҳлатҳое, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт» муқаррар намудааст, амалӣ намояд.

## 8. ҲУҶҶАТҲОИ ЗАРУРӢ БАРОИ ПАРДОХТИ (ҶУБРОНИ) СУҒУРТАВӢ

8.1. Барои пардохти (ҷуброни) суғуртавии зарари ба ҳаёту саломатӣ ва ё молу мулки шаҳрвандон, ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешавад:

- полиси суғуртавӣ (нусхаи он);
- нусхаи маълумотномаи тасдиқкунандаи ҳодисаи роҳу нақлиёт, ки аз тарафи бозрасии давлатии автомобилӣ дода шудааст;
- нусхаи шиносномаи суғурташаванда;
- ваколатнома аз тарафи соҳиби воситаи нақлиёт додашуда;
- нусхаи шаҳодатномаи ронандагӣ;
- нусхаи шаҳодатномаи техникии воситаи нақлиёт;
- маълумотномаи муассисаи тиббӣ ё худ маълумотнома дар бораи муқаррар кардани гурӯҳи маъюбӣ дар ҳолати расонидани зарар ба саломатии ҷабрдида;
- нусхаи шаҳодатномаи вафоти мусофир, пиёдагард ё шахси (шахсони) дигари ҷабрдида;
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи андозаи зараре, ки ба молу мулки ҷабрдида расонида шудааст.

Барои саҳеҳият нусхаҳои ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда бо нусхаҳои аслиашон аз ҷониби суғуртакунанда муқоиса карда мешаванд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 9. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

9.1. Ҳамаи баҳсу ихтилофҳо, ки аз иҷрои шартномаи мазкур бармеоянд, тавассути гуфтушунид ҳаллу фасл мешаванд.

9.2. Агар тарафҳо тавассути гуфтушунид ба мувофиқа наоянд, баҳсу ихтилофҳо мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи судӣ ҳал карда мешаванд.

## 10. ШАРТҲОИ МАХСУС

10.1. Шартномаи мазкур баъди пардохти мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ аз ҷониби суғурташаванда эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунад.

10.2. Тарафҳо барои иҷро накардан, ё ба таври дахлдор иҷро накардани ухдадориҳои дар шартномаи мазкур пешбининамудаи худ, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошанд.

10.3. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба шартномаи мазкур бо мувофиқаи тарафҳо ба таври хаттӣ сурат мегирад.

10.4. Шартномаи мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, ҳарду нусхаи он эътибори ҳуқуқии баробар мебошанд ва ба тарафҳо як нусхагӣ дода мешавад.

## 11. СУРОҒАИ ҲУҚУҚИИ ТАРАФҲО

### 11.1. СУҒУРТАКУНАНДА

ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»
**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2
**РМА:**020030537
**РМБ:** 350101808
**с/ҳ:** 20202972780800000009
**Номи бонк:** ҶСП «Спитамен Бонк»
**с/м:** 20402972418081
**Телефон:** (+992) 44 601 79 97
**Сомона:** www.spi.tj
**Email:** info@spitameninsurance.com

Директори генералӣ

________________ /__________.____./
(имзо) (ному насаб)

### 11.2. СУҒУРТАШАВАНДА:

________________________________
**Суроға:** ______________________
**РМА:** ______________________
**РМБ:** ______________________
**с/ҳ:** ______________________
**Номи бонк:** ______________________
**с/м:** ______________________
**Телефон:** (+992)
**Сомона:** ______________________
**Email:** ______________________

______________

________________/______________________./
(имзо) (ному насаб)

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

SPITAMEN insurance

# ПОЛИСИ СУҒУРТАВИИ ҲАТМИИ ҶАВОБГАРИИ МАДАНИЮ ҲУҚУҚИИ СОҲИБОНИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

Силсила №XXXXXXX №00000000

+992 44 601 7997 АЗ ____ ТО ____

ҲУДУДИ АМАЛИ ПОЛИС:

СУҒУРТАКУНАНДА:

СУҒУРТАШАВАНДА:

Маблағи суғуртавӣ тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт " ва Шартнома пардохт карда мешавад

МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ (ҲАҚҚИ СУҒУРТАВӢ)

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| АВТОМОБИЛҲОИ САБУКРАВ ВА МИКРОАВТОБУСҲО<br>ДУ НИШОНДИҲАНДА БАРОИ ҲИСОБҲО | АВТОБУСҲО, ТРОЛЛЕЙБУСҲО ВА АВТОМОБИЛҲОИ БОРКАШ,<br>СЕ НИШОНДИҲАНДА БАРОИ ҲИСОБҲО | ТРАКТОРУ МОШИНУ ОЛОТИ ХУДГАРДИ ДИГАР<br>ДУ НИШОНДИҲАНДА БАРОИ ҲИСОБҲО | МОТОТСИКЛҲО<br>ЯК НИШОНДИҲАНДА БАРОИ ҲИСОБҲО | ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТИ МАВСИМӢ ВА ТРАНЗИТӢ<br>________СОМОНӢ |

ИМТИЁЗҲОИ МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ (ҲАҚҚИ СУҒУРТАВӢ)

5% 10% 15% 20% 50%

ВОСИТАИ НАҚЛИЁТ: ТАМҒА | РАҚАМИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТӢ

РАҚАМИ БОРДОН: VIN CODE

Бо Қоидаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт шинос шудам ва нусхаи онро гирифтам

СУҒУРТАШАВАНДА: ИМЗО | НОМУ НАСАБ

ФОИДАГИРАНДА: ИМЗО | НОМУ НАСАБ

СУҒУРТАКУНАНДА: ИМЗО | НОМУ НАСАБ

## ИҚТИБОС

### аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт”

Ҳангоми расондани зарар ба саломатии ҷабрдида дар натиҷаи ҳодисаи роҳу нақлиёт, ки боиси марг гардидааст, андозаи пардохти суғуртавӣ панҷсаду чилу панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил медиҳад.

Ҳангоми гирифтани маъюбӣ дар натиҷаи ҳодисаи роҳу нақлиёт тибқи маълумотномаи мақоми ваколатдори давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ пардохти суғуртавии якдафъаина маблағи зеринро ташкил медиҳад:

- маъюби гурӯҳи I - сесаду ҳаштод нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
- маъюби гурӯҳи II - сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
- маъюби гурӯҳи III - дусаду бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

Ҳангоми расондани зарар ба молу мулки ҷабрдида, маблағи суғуртавӣ то дусаду ҳафтоду се нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавӣ ба андозаи ҳаштсаду ҳаждаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда мешавад.

Суғуртакунанда пардохти суғуртавиро ба ҷабрдида (фоидагиранда) дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин амалӣ менамояд:

- полиси суғуртавӣ (нусхаи он);
- нусхаи маълумотномаи тасдиқкунандаи ҳодисаи роҳу нақлиёт, ки аз тарафи бозрасии давлатии автомобилӣ дода шудааст;
- нусхаи шиносномаи суғурташаванда;
- ваколатномаи аз тарафи соҳиби воситаи нақлиёт додашуда;
- нусхаи шаҳодатномаи ронандагӣ;
- нусхаи шаҳодатномаи техникии воситаи нақлиёт;
- маълумотномаи муассисаи тиббӣ оид ба корношоямии муваққатӣ ё худ маълумотнома дар бораи муқаррар кардани гурӯҳи маъюбӣ дар ҳолати расондани зарар ба саломатии ҷабрдида;
- нусхаи шаҳодатномаи вафоти мусофир, пиёдагард ё шахси (шахсони) дигари ҷабрдида;
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи андозаи зараре, ки ба молу мулки ҷабрдида расонда шудааст.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT